# ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ, ба таҳқиқи диссертатсионии Зиёева Зебониссо Идибековна дар мавзуи «Фалсафаи Ибни Арабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионии** Муҳйиддин Ибни Арабӣ (1165–1240) аз ҷумлаи намояндагони барҷастаи тафаккури фалсафӣ ва ирфонии Шарқ буда, мероси назариявии ӯ масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, инсоншиносӣ, муносибати Худо ва олам, мақоми инсон дар низоми ҳастӣ ва робитаи ақл бо кашфи ирфониро фаро мегирад. Осори ӯ на танҳо дар таърихи фалсафаи исломӣ, балки дар ташаккули равияҳои минбаъдаи андешаи ирфонӣ ва фалсафии Шарқу Ғарб низ мавқеи назаррас дорад.

Бо вуҷуди мавҷудияти таҳқиқоти сершумор оид ба ҷанбаҳои гуногуни таълимоти Ибни Арабӣ, зарурати таҳлили низомманд ва ҳамаҷонибаи асосҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ ва инсоншиносии фалсафаи ӯ, инчунин муайян намудани робитаи мутақобилаи ин ҷанбаҳо дар сохтори ягонаи ҷаҳонбиниаш боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, таҳқиқи диссертатсионии «Фалсафаи Ибни Арабӣ» ба ҳалли масъалаҳои муҳими таърихию фалсафӣ, амиқтар фаҳмидани хусусияти ҷаҳонбинии мутафаккир ва муайян намудани ҷойгоҳи ӯ дар таърихи афкори фалсафии Шарқ равона гардида, аз нигоҳи назариявӣ, методологӣ ва таърихию фарҳангӣ мубрам мебошад. Ба хусус таъсири андешаҳои ваҳдати вуҷудии ӯ ба ирфони тоҷик, хосатан фалсафаи ирфонии Абдураҳмони Ҷомӣ назаррас мебошад.

Кори диссертатсионии **Зиёева Зебониссо Идибековна** аз муқаддима, панҷ боб, нуздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва

мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якуми** таҳқиқоти диссертатсионии Зиёева З. И. дар мавзуи **«Зиндагӣ, осор ва таълифоти Ибни Арабӣ»** масъалаҳои марбут ба ҳаёт, фаъолияти илмӣ ва мероси хаттии Муҳйиддин Ибни Арабӣ ҳамчун заминаи таърихию назариявии ташаккул ва таҳаввули ҷаҳонбинии фалсафии ӯ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд ва бо маълумотҳои навини таҳқиқот асос ёфтаан.

Дар таҳқиқи мазкур ба омӯзиши осори бунёдии Ибни Арабӣ, аз ҷумла «Ал-Футуҳот ал-Маккия» ва «Фусус ал-ҳикам», таваҷҷуҳи хос зоҳир шудааст, зеро маҳз дар ин таълифот масъалаҳои муносибати ҳастии мутлақ ва ҳастии маҳдуд, ваҳдати ҳастӣ, мақоми инсон дар сохтори олам ва имкониятҳои маърифати ҳақиқат ба таври амиқ инъикос ёфтаанд. Таҳлили мазмунӣ ва фалсафии ин асарҳо барои ошкор намудани хусусиятҳои низоми фалсафаи ирфонии мутафаккир ва муайян кардани робитаи мутақобилаи андешаҳои метафизикӣ, ирфонӣ ва маърифатшиносии ӯ аҳаммияти методологӣ дорад.

**Дар боби дуюми** таҳқиқоти диссертатсионии Зиёева З. И. баррасии асари **«Фусус ал-ҳикам»-и Ибни Арабӣ ва шарҳҳои асримиёнагии он»** барои муайян намудани муҳтавои фалсафӣ, сохтори мафҳумӣ ва хусусиятҳои тафсирии таълимоти мутафаккир аҳаммияти муҳим дорад. Муаллиф тавассути таҳлили муқоисавии шарҳҳои асар масъалаҳои асосии ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ ва инсоншиносии Ибни Арабиро ошкор намуда, таъсири тафсирҳои асримиёнагиро ба дарки минбаъдаи ғояҳои ӯ муайян кардааст. Ин равиш барои амиқтар фаҳмидани ҷойгоҳи «Фусус ал-ҳикам» дар таърихи фалсафа ва ирфони назариявии ҷаҳони ислом заминаи мусоид фароҳам меорад.

**Дар боби сеюми** таҳқиқоти диссертатсионии Зиёева З. И. дар мавзуи **«Мактаби Ибни Арабӣ ва вижагиҳои таълимоти ӯ»** масъалаҳои ташаккул ва таҳаввули мактаби фалсафию ирфонии Ибни Арабӣ, хусусиятҳои консептуалии таълимоти ӯ ва таъсири он ба рушди минбаъдаи афкори фалсафии ҷаҳони ислом мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ҳамзамон, ба мақоми пайравони мутафаккир дар идомаи анъанаҳои назариявии ӯ ва нақши мафҳумҳои калидии таълимоташ дар ташаккули ҷаҳонбинии ирфонӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардида, барои муайян намудани ҷойгоҳи мактаби Ибни Арабӣ дар таърихи фалсафаи Шарқ заминаи таҳлилӣ фароҳам оварда шудааст.

**Дар боби чаҳоруми** таҳқиқоти диссертатсионии Зиёева З. И. дар мавзуи **«Ибни Арабӣ ва вахдати вуҷуд»** масъалаи вахдати вуҷуд ҳамчун яке аз меҳварҳои бунёдии таълимоти метафизикии мутафаккир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин замина, муносибати ҳастии мутлақ ва ҳастии падидаҳои олам, моҳияти таҷаллии илоҳӣ ва робитаи байни Ҳақ ва халқ аз нигоҳи фалсафию ирфонӣ шарҳ дода шуда, барои муайян намудани ҷойгоҳи консепсияи вахдати вуҷуд дар низоми фалсафии Ибни Арабӣ ва таъсири он ба рушди минбаъдаи афкори ирфонии ҷаҳони ислом заминаи назариявӣ фароҳам оварда шудааст.

**Дар боби панҷуми** таҳқиқоти диссертатсионии Зиёева З. И. дар мавзуи **«Масъалаҳои асосии фалсафаи ирфон дар таълимоти Ибни Арабӣ»** ҷанбаҳои бунёдии ҷаҳонбинии ирфонии мутафаккир, аз ҷумла моҳияти маърифати ирфонӣ, таносуби ақл ва кашф, мақоми инсон дар шинохти ҳақиқат ва робитаи зоҳиру ботини ҳастӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Андешаҳои Ибни Арабӣ дар бораи баланд бардоштани мақоми инсон дар ҷомеа дар шароити асримиёнагӣ хеле муҳим буд. Ва таълимоти ӯ дар ин бора имрӯз низ дар заиф кардани пояҳои таассуботи динӣ ва мазҳабӣ дорои аҳамият аст. Тавассути таҳлили ин масъалаҳо хусусиятҳои фалсафии таълимоти Ибни Арабӣ ва аҳаммияти он дар ташаккули ирфони назарӣ

муайян гардида, заминаҳои дарки амиқтари саҳми мутафаккир дар рушди афкори фалсафию ирфонии ҷаҳони ислом фароҳам оварда шудаанд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионии Зиёева З. И. натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ оид ба хусусиятҳои фалсафии таълимоти Ибни Арабӣ ҷамъбаст гардида, хулосаҳои назариявӣ ва натиҷаҳои таҳлилӣ вобаста ба масъалаҳои меҳварии ҷаҳонбинии ӯ, аз ҷумла ваҳдати вуҷуд, фалсафаи ирфон, мақоми инсон ва таъсири таълимоти мутафаккир ба рушди афкори фалсафию ирфонии ҷаҳони ислом пешниҳод шудаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Зиёева З. И. дар мавзуи **«Фалсафаи Ибни Арабӣ»** ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, № 591) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Мушовири илмӣ:**

Сарходими илмии Шуъбаи таърихи
фалсафаи Институти фалсафа ва
сиёсатшиносии ба номи А. Баҳовaддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
академик, доктори илмҳои фалсафа, профессор Олимов К.
«18» 06 соли 2026

**Суроғаи мушовири илмӣ:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 33.
Тел.: 992 907 70 21 15
E-mail: olimovk_2007@mail.ru

Имзои академик, К. Олимов-ро
тасдиқ; менамоям. Мудири шуъбаи
кадрҳои ИФС АМИТ Абдураҳмонзода Б.